**Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-012**
**назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон**
**(734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон ш.Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ 1/2)**

# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Гулов Искандар Хасанович дар мавзуи «Такмилдиҳии сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои идтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.12 - Иқтисодиёти меҳнат**

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот** бо он асоснок мегардад, ки ба назари диссертант бо афзоиши назарраси накши омилҳои иқтисодӣ- иҷтимоии татбиқи сиёсати иҷтимоӣ дар марҳалаи нави рушди Тоҷикистон меафзояд. Чунки дар марҳалаи имрӯзаи рушди ҳаёти иҷтимоию иқтисодии мамлакат тағйироти сифатии сохтори идтисодиёти миллӣ ва диверсификатсияи он сурат гирифта истодааст, ки ин раванд боиси диверсификатсияи манбаи даромади аҳолӣ, рушди инсон ва некӯаҳволии он гаштааст. Аз ин рӯ, аз ҷониби диссертант илман асоснок кардани ҷанбаҳои назариявии тавзеҳи категорияи сатҳи зиндагии аҳолӣ, муқоисаи нишондиҳандаҳои иқтисодӣ-иҷтимоии баҳодиҳии сатҳи зиндагии аҳолӣ, даромад ва хароҷотҳои аҳолӣ, механизмҳои паст кардани нобаробариҳои тақсимоти даромадҳо, накши диверсификатсияи иқтисодиёт, таҳсилот ва азхудкунии касбу ҳунар ҳамчун роҳҳои мақсадноки баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ, рушди соҳибкории хурду миёна ва монеаҳое, ки ба фаъолияти соҳибкорон мушкилӣ эҷод мекунанд, саривақтӣ ва рӯзмарра мебошанд.

Вусъатёбии ташаккули муносибатҳои бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он дар натиҷаи ба миён омадани хатарҳои

беруна, муаммои тараққиёти устувори кишварро ба мадди аввал мегузорад. Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки муваффақиятҳои тараққиёти иҷтимоӣ - иқтисодиро танҳо он мамлакатҳо ва минтақаҳо ба пуррагӣ ба даст меоранд, ки афзоиши доимии сатҳи шуғли аҳолӣ ва дар навбати худ ҳавасмандгардонии даромади муайянро таъмин карда метавонанд, ин ба рушди ҷанбаҳои инстутсионалии минтақа алоқаи зичи худро дорад.

Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон» омадааст, ки «Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро ба самти ноил шудан ба ҳадафҳои дар Стратегияи миллии рушд пешбинигардида равона карда, баланд бардоштани сатҳи сифати зиндагии мардумро тавассути ҳалли масъалаҳои пешрафти устувори иқтисодӣ, тақвияти неруи инсонӣ, такмили низоми институтсионалии идораи давлатӣ, тавсеаи имкониятҳои содиротии мамлакат, беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ, инкишофи бахши хусусӣ ва беҳбудии вазъи бозори меҳнат ҳадафи олии худ эълон намудааст». Дар ин замина ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, алалхусус такмили идоракунӣ ҷанбаҳои институтсионалии рушди низоми иқтисодии минтақа барои самаранок истофодабарии иқтидори захиравӣ, беҳтар гардонидани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва таъминоти он бо ҷои корӣ ва даромади арзанда, яке аз масъалаҳои аввалиндараҷа ба ҳисоб меравад. Ҷумҳурии соҳибистиқлоли мо, ки аз ҷиҳати ташаккулёбии барориши истеҳсолот хосиятҳои муайяне дорад, ки дар он аз ҷиҳати мавқеи демографӣ, рушди соҳаҳои хоҷагии халқ ва самаранок истифода бурдани қувваҳои истеҳсолкунанда баҳисоб меравад, бояд таҳқиқотҳои муайяни илмиро фарогир бошанд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Дар таҳқиқоти иқтисодӣ ба масъалаи сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ диққати зиёд дода мешавад. Ёфтани самтҳои ташаккули сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ ва расидан ба мақсадҳои рушд аҳамияти таҳқиқотро муайян мекунад. Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрии вобаста ба ташаккули сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ, барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ, ҳадафҳои дарозмӯҳлат ва афзалиятҳои рушди кишвар, ки аз ҷониби Президенти мамлакат дар паёмҳои худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2014-2022 ироа шудаанд, робитаи бевосита дорад.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ин** таҳқиқи асосҳои назариявии ибораи сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ, принсипҳои таҳияи сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ, таҷрибаи ҷаҳонии таҳияи сиёсати иҷтимоӣ, баҳои ҳолати кунунӣ ва таҳияи тавсияҳои методологӣ ва амалӣ барои рушди он ба ҳисоб меравад. Таҳқиқи асосҳои назариявии сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ, таҳия ва пешниҳоди тавсияҳои методологӣ ва амалӣ барои рушди он дар минтақа иборат аст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** асоснок намудани ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоию меҳнатӣ, мафҳуми нав чун «сиёсати иҷтимоӣ-меҳнатӣ баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ тавассути таъмини фаъолияти меҳнатӣ ва пардохти музди меҳнати зиёда аз арзиши сабади истеъмолӣ, дастгирии давлатии табақаҳои аҳолии барҷомонда ва бекорон, таъмини рушди маориф, тандурустӣ, фарҳанг ва варзиш» ва асоснок намудани роҳҳои такмили механизми амалигардонии онҳо дар марҳилаи рушди суръатноки Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Аз ҷумла, дар асоси таҳлили назариявии ақидаҳои олимони хориҷиву ватанӣ муқарароти муаллиф доир ба ин мафҳум ҳамчун категорияи иҷтимоӣ, иқтисодию меҳнатӣ, муаяйн шудааст; таснифи муаллифии омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоию меҳнатӣ, ки барои татбиқи сиёсати иҷтимоии давлат дар самти баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ нақши калидӣ мебозанд, мушаххас гардидаанд; муаяйн карда шудааст, ки дар мамлакат дар давраи солҳои 2010-2020 тамоюли рушди сатҳи зинадагии аҳолӣ вобаста бо устувор гаштани тамоюли рушди устувори иқтисодиёти мамлакат ва боло рафтани сатҳи шуғлнокӣ, ки ба даст овардани даромади меҳнатии сазоворро мусоидат намудааст, руйи кор омадааст; сатҳи нобаробари даромадҳои аҳолии мамлакат ва сабабҳои асосии онро арзёбӣ ва тасниф додааст; асоснок карда шудааст, ки рушди муносибатҳои бозорӣ фазоро барои диверсификатсияи сарчашмаҳои даромади аҳолӣ, ки бо туфайли диверсификатсияи истеҳсолот, пеш аз ҳама диверсификатсияи соҳаи кишоварзӣ, ки дар марҳалаи рушди суръатноки мамлакат дар асоси ҷалби сармоя сурат мегирад, васеъ менамояд. Асоснок карда шудааст, ки таҳияи барномаҳои иҷтимоию меҳнатӣ ва таъмини иҷрои онҳо ҳамчун механизми асосии сиёсати иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад, ки дар асоси он шуғли пурсамарро таъмин намояд, фаъол гардондани корхонаҳои ғайридавлатигардида тавассути баланд бардоштани андоз аз моликият, таҳия ва амалӣ намудани барномаҳои минтақавии «Рушди таҳсилоти касбӣ дар вилояти Хатлон барои солҳои 2021-2030», «Рушди инфрасохтори иҷтимоию меҳнатии вилояти Хатлон барои солҳои 2021-2030», «Рушди агротуризм», «Майдончаҳои хурди варзишӣ», чун омили баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ хизмат менамоянд.

Исбот карда шудааст, ки барои рушди сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ, дар мадди аввал ташаккули системаи шарикӣ меистад ва амсилаи тақсимоти захираҳо байни давлат ва бахши хусусӣ, инчунин амсилаи молиявии ташкили ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ пешниҳод карда шудааст.

**Фарзияи таҳқиқот** ба зарурати асоснок кардани ҷанбаҳои назариявию амалии омилҳо ва механизмҳои иқтисодӣ, иҷтимоию меҳнатӣ, ки барои баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ мусоидат менамоянд, асос ёфтааст.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот,** хулосаю тавсияҳо ва далелҳои коркардшуда барои баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ дар фаъолияти ниҳодҳои мухталифи иқтисодӣ, иҷтимоию меҳнатии ҷомеа аҳамияти амалӣ дошта, барои рушди минбаъдаи онҳо нақши муассир мегузоранд. Ҳамзамон, диссертатсияи пешниҳодшуда барои таҳияи барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон мавриди истифода қарор гирифта, метавонанд ҳангоми таҳияи барномаҳои дарозмуддати мақсадноки иҷтимоию иқтисодии ноҳияҳо истифода шаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** аз ҷамъбаст ва таҳияи муқаррароти назариявии сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ, моҳияти иқтисодии сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ, таҷрибаи хориҷии таҳия ва иҷрои сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ, арзёбии вазъи муосири рушди бахшҳои иҷтимоию меҳнатӣ, таҳлили иҷрои барномаҳои рушди иҷтимоию меҳнатӣ, таҳияи барномаҳои мақсадноки рушд, ки ба рушди инфрасохтори иҷтимоию меҳнатӣ мусоидат мекунанд, иборат аст. Хулоса ва пешниҳодҳо, инчунин тавсияҳои алоҳидаи назариявӣ ва амалӣ

метавонанд дар раванди тахияи сиёсати ичтимоию меҳнатӣ истифода шаванд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ,** иқтисодӣ ва ичтимоии диссертатсия дар он аст, ки натичаҳои таҳқиқот дар чараёни фаъолияти мақомоти минтақавии ҳокимияти ичроия ҳангоми коркарди пешниҳодҳо оид ба тачдиди сиёсати ичтимоию меҳнатии давлатии минтақавӣ, чанбаҳои институтсионалии рушди низоми иқтисодии минтақа истифодаи худро дарёфт карданаш мумкин аст.

**Интишори натичаҳои диссертатсия** дар матбуоти илмӣ ба талаботи КОА-и назди Президенти Чумҳурии Тоҷикистон мутобиқат менамояд ва оид ба мавзуи диссертатсия 15 мақолаи илмӣ, аз он чумла 8 мақола дар нашрияҳое, ки аз тарафи КОА назди Президента Чумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд, дарч гардидааст.

**Сохтор ва ҳачми диссертатсия** аз муқаддима, се боб, хулоса ва пешниҳод, рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, аз 188 саҳифаи матни компютерӣ, 31 чадвал ва 11 расм иборат аст.

**Дар муқаддима муҳимияти мавзуи диссертатсия**, дарачаи таҳқиқи илмии он асоснок карда шуда, мақсаду вазифаҳо матраҳ гардида, пешниҳоди амалӣ оид ба такмилдиҳии сиёсати ичтимоию меҳнатӣ дар рушди низоми иқтисодии минтақа нишон дода шудаанд.

Дар боби якум **«Асосҳои назариявию - методии сиёсати ичтимоию меҳнатӣ»,** моҳияти илмии иқтисодии принсипҳои тахияи сиёсати ичтимоию меҳнатӣ дар асоси тачрибаи чаҳонӣ ва имкониятҳои истифодаи он дар Чумҳурии Тоҷикистон ва чанбаҳои арзёбии вазъи он баррасӣ карда шудааст. Бояд қайд кард, ки диссертант дар асоси омӯзиши таърифҳои сиёсати ичтимоию меҳнатии олимони хоричию ватанӣ

равишҳоро ба панҷ гурӯҳ ҷудо намудааст, ки дар ҳар кадоме аз ин равишҳо ибтидои муайяни мусбатро метавон баррасӣ кард ва сиёсати воқеии иҷтимоие, ки аксари давлатҳои мутараққии муосир тадбиқ мекунанд, унсурҳои ҳар кадоми ин мафҳумро дар бар мегирад. Вобаста ба интихоби меъёрҳои тақсимоти навъҳои гуногуни таснифоти системаҳои ҷаҳонии ҳифзи иҷтимоӣ ба монанди: сатҳи тақсимоти маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД) тавассути буҷети давлатӣ, ташкили низоми суғуртаи иҷтимоӣ, дараҷаи иштироки давлат ва усулҳои ба амалбарории сиёсати муосири иҷтимоии давлат пешниҳод карда шудааст.

Дар боби дуюм **«Арзёбии вазъи муосири сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ташаккулёбии вазъ, арзёбӣ, таъсири омилҳо ба сиёсати иқтимоию меҳнатӣ, рушди низоми иқтисодии минтақа ва идоракунии онҳо бо назардошти вазъи муосир ва муаммоҳо таҳлил гардидааст. Диссертант қайд менамояд, ки таҳлилҳо собит менамоянд, вилояти Хатлон, иқтидори бузурги истеҳсолӣ дошта дар иқтисодиёти кишвар мавқеи хосса дорад, аммо миқдори заминҳои таъиноти кишоварзӣ тамоюли пастравӣ доранд. Дар соли 2021 нисбат ба соли 1991 миқдори заминҳои таъиноти кишоварзӣ дар маҷмуъ 11,0 ҳаз. га, аз ҷумла дар хоҷагиҳои ҷамъиятӣ ва деҳқонӣ 46,8 ҳаз. га. кам шуда, дар хоҷагиҳои аҳолӣ бошад ин нишондиҳанда 57,8 ҳаз. га. афзудааст, шумораи аҳолии дар иқтисодиёт машғул тамоюли афзоиш дошта, дар бахши воқеии шуғли аҳолӣ 18,9% ва бахши хизматрасонӣ 22,7% афзудааст. Зиёда аз 63,0% онҳое, ки бо кор машғуланд дар соҳаи кишоварзӣ фаъолият менамоянд. Дар баробари ин дар вилояти Хатлон яке аз масъалаҳои аввалин, таъмин намудани меҳнаткашон бо манзил

мебошад.

Дар боби сеюм **«Самтҳои асосии такмили сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ»** тавассути таҳияи стратегияи рушди иҷтимоию меҳнатӣ - самти асосии такмили сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ, ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ, ҳамчун роҳи асосии таъмини иҷрои сиёсат дар ҳалли масъалаҳои сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ ва ташкили корхонаҳои калони агросаноатӣ - имконияти асосии иҷрои сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ пешниҳод карда шудааст. Диссертант қайд менамояд, ки ҳадафи стратегии вилояти Хатлон дар самти рушди иҷтимоӣ ва меҳнат ноил шудан ба нишондиҳандаҳои «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» мебошад.

Тибқи стратегия дар марҳалаи нави рушд дар назди кишвар се вазифаи асосӣ:

- якум, ноил шудан ба сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии кишварҳои сегменти миёна бо даромади миёнаи муқоисашаванда;
- дуюм, таъмин намудани рушди устувор ба воситаи диверсификатсия ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ;
- сеюм, вусъатдиҳӣ ва таҳким бахшидани табақаи миёна меистад.

**Дар хулоса натиҷаҳои таҳқиқот** ва тавсияву пешниҳодҳои хусусияти назариявӣ ва амалӣ дошта, пешниҳод гардидаанд. Дар диссертатсия усулҳои ба амалбарории сиёсати муосири иҷтимоии давлат ба чор гурӯҳ тақсим карда шудаанд: иқтисодӣ, маъмурӣ ва танзим, ҳудудӣ ё қонунгузорӣ, идеологӣ.

Ҳолати муосири сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ дар Тоҷикистон мавриди таҳқиқот қарор гирифта, қайд карда шудааст, ки тавассути

қабули қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои истиқлолияти давлатӣ сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ амалӣ мегардад. Вале, қувваҳои кории истифода нашуда дар иқтисодиёт тамоюли афзоиш дошта, муҳоҷирати меҳнатӣ воситаи асосии таъмини буҷети хонаводаи аҳолӣ гардидааст, дар асоси ин зарурият дорад барномаи давлатии «Муҳоҷирати меҳнатӣ» таҳия карда шуда, дар он масъалаҳои забономӯзӣ, касбомӯзӣ, баланд бардоштани тахассус, донишҳои ҳуқуқии муҳоҷирон, таъмини ҳимояи онҳо ба назар шрифта шавад.

**Дар асоси омӯхтани диссертатсия мо ба хулосае омадем, ки оиди норасогии он баъзе нуктаҳоро арзи баён дошта бошем:**

1) Дар қисмати «Сатҳи таҳқиқи илмии мавзуи диссертатсия» ҳангоми овардани рӯйхати олимони хориҷӣ ва ватанӣ ба таври мушаххас нишон додани самти таҳқиқоти онҳо метавонист ин қисмати корро боз ҳам мустаҳкамтар гардонад, зеро ақидаҳои баъзе аз онҳо аз madди назари унвонҷӯ берун боқӣ мондаант.

2) Унвонҷӯ дар навгонии илмӣ метавонист ба таъмини ҷанбаҳои институтсионалии рушди сиёсати иҷдимоию меҳнатӣ дар низоми иқтисоди минтақа ишора кунад, ки он боиси пурратар дар асоси устувории иқтисодиёт мебуд.

3) Дар диссертатсия консепсияи ҷалби сармоя, рушди сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ ишора меравад, агар унвонҷӯ механизми татбиқи ин консепсияро васеътар кушода дода, натиҷаҳои эҳтимолии тадбиқи онро возеҳтар нишон медод, беҳтар мегардид.

4) Боби 2 §2.2 бо истифода аз усули таҳлили коррелятсионӣ ва регрессионӣ сатҳи алоқамандии миёни шуғли аҳолӣ ва таҳсилоти касбӣ муайян гардида ва барномаи намунавии рушди шуғлнокии пурмаҳсул ва

соҳибкории фарогир (дар мисоли вилояти Хатлон) коркард гардида, алгоритми таҳия ва механизмҳои татбиқи он барон минтақаҳои мамлакат пешниҳод мегардид ва хуб мебуд оияндабинии ҷанбаҳои институтсионалии рушди низоми иқтисоди минтақа дар вилояти Хатлон коркард шавад.

5) Боби 3 § 3.1 саҳ. 109 ҷадвали 3.1 ҳисоби диссертант дар асоси кадом методика номаълум мебошад.

6) Маълум аст, ки яке аз ҳадафҳои сиёсати иҷтимоӣ ин баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа мебошад, ки микдори онҳо 51% - и аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳад, дар асоси ин тақвияти мақоми зан, ташкили оилаҳои нав, аз ҷониби Ҳукумат бо дастгирии ташкилотҳо, вазорату идораҳо, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ бояд таҳқиқ мешуд, диссертатсия боз сифатан беҳтар мегардид.

7) Баъзе фикрҳо дар диссертатсия такрори худро дарёфтааст ва онҳо ихтисорталаб мебошанд.

Ин норасогиҳо характери тавсиявӣ дошта ба мазмун ва мундариҷаи диссертатсия таъсир наменамоянд.

Дар натиҷаи таҳлили диссертатсия оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ дар мавзуи: «Такмилдиҳии сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки аз рӯи ихтисоси 08.00.12 - Иқтисодиёти меҳнат анҷом дода шудааст, нишон дод, ки диссертатсияи мазкур аз ҷиҳати илмӣ ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, бандҳои 31, 32 ва 33 – и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мувофиқат мекунад. Диссертатсия кори илмӣ-тахассусии анҷомёфта буда, мушкилоти мавҷуда дар ин самт, тадбирҳо оид ба ҳамгироии онҳоро дар ҷамъият ва нақши мақомоти иҷроияи

давлатро ҷиҳати идоракуни ва такмилдиҳии сиёсати иҷтимоию меҳнатӣ дар таъмини рушди иқтисодиёти минтақа ҳаллу фасл намудааст. Кори диссертатсионӣ бо забони давлатӣ омода ва таҳия гардидааст. Гулов Искандар Хасанович сазовори дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 Иқтисодиёти меҳнат мебошад.

доктори илмҳои иқтисодӣ,
профессори кафедраи назрияи
иқтисодӣ Донишкадаи
иқтисод ва савдои ДДТТ
дар шаҳри Хуҷанд АЗИМОВ А.Ҷ.

Маълумот барои тамос:

735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон,

ш. Хуҷанд

ДИС ДДТТ дар ш. Хуҷанд хиёбони
И.Сомонӣ 169

Телефони корӣ: (+992) 83422 6 – 18 – 60

Суроға:

735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд

хиёбони И.Сомонӣ 20 - 28

Телефони мобилӣ: (+992) 92 – 779 – 18 – 54

E-mail: mavlon_1954@mail.ru

Имзои д.и.и., профессор Азимов А.Ҷ – ро тасдиқ менамоям.

Сардори шӯъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси ДИС ДДТТ дар ш.Хуҷанд Маҳмудов Ш.У.